«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт
ва демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.и., профессор
_____________Ш. Раҳимзода
«30» ________ соли 2022

## ХУЛОСАИ

ҷаласаи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Маҳкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

Диссертатсия дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» аз ҷониби Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Махкамова Чамангул Абдугафоровна 08-уми июли соли 1986 дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон ба дунё омадааст, оиладор ва соҳиби 2 фарзанд мебошад.

Соли 2008 факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусравро бо ихтисоси “менеҷмент” хатм намудааст. Аз соли 2008 то ин ҷониб дар кафедраи менеҷменти донишгоҳи мазкур ба ҳайси омӯзгор фаъолият карда истодааст. Ҳамзамон аз моҳи январи соли 2019 ҳамчун унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба кори илмию таҳқиқотӣ машғул мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна бо Фармоиши директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 14 январи соли 2019 тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба илм мебошад.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва аз рӯи ихтисос 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо бо баҳои 4 (хуб) супоридааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон) хулосаи зерин бароварда шуд:

**1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2019) чунин таъкид гардидааст: «Роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки якҷо бо Вазорати кишоварзӣ ҷиҳати зиёд кардани майдони кишти зироатҳо, ташкили гармхонаву сардхонаҳо ва беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватании аз лиҳози экологӣ тоза, коркарди маҳсулоти соҳа ва афзоиш додани ҳаҷми содирот чораҳои қатъӣ андешанд. Аз як қитъаи замин гирифтани на як-ду, балки се-чор ҳосил, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ низ, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими фаъолияти олимон ва кишоварзон дар ин самт ба ҳисоб меравад».

Дар ҳалли ин вазифаҳои гузошташуда ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии (ИОЗИ) кишоварзӣ аҳамияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар ҳошияи масъалаи мазкур ҷиҳати ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхона зарурати омӯзиши доираи васеи шароит ва омилҳои дар вобастагӣ бо якдигар ва гуногун амалкунанда ба миён меояд. Дар робита ба ин, таҳлил ва таснифоти омилҳо ва шароитҳо имконият медиҳад, ки ба таври дақиқ принсипҳои мукаммали методологии ташкили истифодаи оқилонаи захираҳо ба роҳ монда шавад. Таснифоти омилҳо ва шароитҳои ташкили истеҳсолот дар амал ба таҳияи дақиқтар дар ин самт, ба воситаи таҳлил ва интихоби омилҳо ва шароитҳои тағйирёбанда (омилҳо ва шароитҳои идорашаванда) аз ҷониби бахшҳои ташкилии корхонаҳо, муайян намудани самтҳои коргузорӣ ва тақсими сарфакоронаи захираҳо ба ҳар як самти зарурии рушди истеҳсолот мусоидат менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки омили муҳими баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии фаъолияти истеҳсолиро идоракунии оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, захираҳои моддиву меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Дар замони муосир аксари корхонаҳои кишоварзӣ дар самти асосии фаъолияти истеҳсолии худ ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои итеҳсолиро ворид

накардаанд ва ин омилро барои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот дар сатҳи кофӣ истифода намебаранд.

Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ҳамчун вазифаи муҳим дар маҷмӯи вазифаҳои идоракунии захираҳо хусусияти ташкилӣ дошта, тамоми муносибат ва алоқаҳои сабабиву оқибатии миёни самтҳои гуногуни фаъолияти корхонаро дар бар мегирад. Бинобар ин, вобаста ба ташаккулу рушди таълимоти рушди устувор зарурати гузариш ба истифодаи оқилонаву самараноки захираҳо, ки на танҳо аз афзудани сатҳи маҳдудияти онҳо, балки аз паст шудани қобилияти муҳити табиӣ ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ бармеояд, ба миён омадааст.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба Шиносномаи ихтисос ва мӯҳтавои диссертатсия.**

Мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), бандҳои: 10.1. Коркарди проблемаҳои илмии идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот; самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо; назария ва амалияи идоракунии зиддибӯҳронии ташкилот. 10.4. Таъминоти иттилоотии низоми идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ; тарзу услуби таъминоти иттилоотии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. 10.8. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқаманд; идоракунии равандҳо ва низоми муосири истеҳсолот мувофиқат мекунад.

**3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Ҳангоми иҷрои кори илмӣ – таҳқиқотӣ суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, ҳисоботҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Точикистон ва як қатор хоҷагиҳои кишоварзии

вилояти Хатлон, пурсишҳои муаллиф, адабиётҳои махсуси илмӣ, меъёрӣ ва таҳлилӣ ба ҳалли масъалаҳои коркардшуда, инчунин, маводи нашриёҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернетӣ истифода карда шудаанд.

Пойгоҳи иттилоотию таҷрибавии таҳқиқотро маълумотҳои воқеие ташкил додаанд, ки дар сарчашмаҳои зерин дарҷ гардидаанд: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022, Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

**4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мӯҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.**

[1-М]. Махкамова Ч. А. Гурӯҳбандии омилҳои ташкили истифодабарии самараноки захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] /Ч. А. Махкамова //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар. - 2020.- № 1/4 (80), қ.2. - С. 180-186.

[2-М]. Махкамова Ч. А. Методические подходы к оценкам эффективности использования производственного потенциала сельскохозяйственных предприятий. [Текст] /Ч. А. Махкамова //Вестник Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук.-Бохтар.-2019.- № 1/4(68). - С. 251-255.

[3-М]. Махкамова Ч. А. Моҳияти иқтисодии захираҳои истеҳсолӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] /Ч.А. Махкамова //Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.- 2021. - № 2(68).- С.65-69.

[4-М]. Махкамова Ч. А. Муносибати низомӣ ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ. [Матн] /Ч. А. Махкамова //Паёми молия ва иқтисод. Душанбе.-2021.-№ 3(27).- С. 130-139.

[5-М]. Махкамова Ч. А. Современное состояние рациональное использование производственных ресурсов в сельскохозяйственных предприятиях. [Текст] /Ч. А. Махкамова //Земледелец. ТАУ.-Душанбе.-2021. - № 1 (90). - С. 208-213.

[6-М]. Мирсаидов А. Б., Махкамова Ч. А. Арзёбии ҳолати истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ дар иқтисодиёти аграрии вилояти Хатлон. [Матн] / А.Б. Мирсаидов, Ч. А. Махкамова //Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе. - 2022. - № 2 (267). - С. 111-118.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конфронс:**

[7-М]. Махкамова Ч. А. Саноатикунонии соҳаи кишоварзӣ омили асосии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон). [Матн] / Ч. А. Махкамова, Тахминаи Б. // Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-амалӣ). Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе. - 22-23 апрели соли 2022. - С. 322-329.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон) дар ҷараёни илмии таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтааст. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидаи диссертатсионӣ дар муайян намудани ҳадафҳо, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, асоснок намудани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳаллу фасли онҳо, дар бурда расонидани муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқот то ба марҳилае, ки истифодабарии онҳо ҷиҳати ташаккули низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ зарур мебошад.

**Қарори ҷаласаи Шӯрои олимон**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ Мирсаидов А.Б., баромадҳои муқарризони холис – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори ДСРТ, аъзои даъватшудаи Шӯрои экспертӣ Ашуров И.С. ва доктори илмҳои кишоварзӣ, аъзои Шурои олимон Садридинов С. Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демоғрафияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба Шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ» (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) тибқи талаботҳои Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.
2. Ба Махкамова Чамангул Абдуғафоровна мактуби ҳамроҳ, нусхаи протокол ва хулосаи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар бораи пешниҳоди диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла: 1 нафар академик, 1 нафар узви вобастаи АМИТ, 8 нафар доктори илмҳои иқтисодӣ ва 5 нафар номзади илмҳои иқтисодӣ.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст:

| | |
|---|---|
| Тарафдор | - 15 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2022, протоколи № 11 қабул шудааст.

**Раиси маҷлис:**
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и, профессор Ш. Раҳимзода

**Котиби маҷлис:**
Котиби илмии Шӯрои олимон, н.и.и., Ҷализода Д.Р.

**Муқарризи холис**
д.и.и.,профессор Ашуров И. С.

**Муқарризи холис**
д.и.к. Садриддинов С.

Имзои д.и.и.,профессор Ашуров И. С.– ро тасдиқ менамоям:
**Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ** **Раҳимов А. А.**

Имзои д.и.и., профессор Садриддинов С. - ро тасдиқ менамоям:
**Инспектори калон оид ба кадрҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** **Қурбонов Э.Т.**

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, кӯчаи С. Айнӣ 44, Почтаи эл.: info@ied.tj
Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65